Протоколи №3-и
ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-118-и
назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

аз 9-уми октябри соли 2026 ш. Душанбе

Дар ҷаласа иштирок доштанд:
аз 11 нафар аъзои шуро 11 нафар

Раиси шуро: Дар ҷаласаи имрӯза аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми феврали 2026, №53/шд тасдиқ шудааст, 11 нафар иштирок доранд.

Оид ба оғози кори ҷаласаи шурои диссертатсионӣ чӣ пешниҳод доред? Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд.

Муқобил – нест. Бетараф – нест. Якдилона қабул гардид.

РӮЗНОМА:

Қабул намудани диссертатсияи **Қаҳорзода Меҳроҷиддини Вайсиддин** дар мавзуи **«Ҷанбаҳои бадеӣ ва фалсафии ашъори Аскар Ҳаким»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.18 – Назарияи адабиёт ва сабкшиносӣ (роҳбари илмӣ: номзади илмҳои филологӣ, дотсент **Абдурраҳимзода Бахтиёр Абдурраҳим**) ба экспертизаи аввалия ва таъйин намудани комиссияи экспертӣ.

ШУНИДА ШУД:

Ахбори раиси шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои филологӣ, профессор Олимӣ Х. Ҳ. дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо, диссертатсия ва автореферати **Қаҳорзода Меҳроҷиддини Вайсиддин** ба шурои диссертатсионӣ.

БАРОМАД НАМУДАНД:

Ахбори раиси шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои филологӣ, профессор Олимӣ Х.Ҳ. дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо, диссертатсия ва автореферати Қаҳорзода Меҳроҷиддини Вайсиддин ба шурои диссертатсионӣ шунида шуд.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, номзади илмҳои филологӣ Боев Ш.Э. маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳо, автореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсияи ба шурои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Қаҳорзода Меҳроҷиддини Вайсиддин ба талаботи Низомномаи шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми августи соли 2026, таҳти № 591тасдиқ гардидаанд, ҷавобгӯ мебошанд.

Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур ба экспертизаи аввалия ягон монеа вуҷуд надорад.

ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Қаҳорзода Меҳроҷиддини Вайсиддин дар мавзуи **«Ҷанбаҳои бадеӣ ва фалсафии ашъори Аскар Ҳаким»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.18 – Назарияи адабиёт ва сабкшиносӣ ба экспертизаи аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин таъйин карда шавад:

– **Казакова Умринисо Санговна** – доктори илмҳои филологӣ, узви шурои диссертатсионӣ, раиси комиссияи экспертӣ.

– **Сафаров Умархоҷа Раҳимович** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви шурои диссертатсионӣ, узви комиссияи экспертӣ.

– **Раҷабова Марҳабо Тухтасуновна** – доктори илмҳои филологӣ, узви шурои диссертатсионӣ, узви комиссияи экспертӣ.

Қарор бо овоздиҳии ошкоро якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Олимӣ Х.Ҳ.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Боев Ш.Э.